**14964/9.1**
**аз 16.07.2025**

Мақомоти ҳудудии андоз ва
андозсупорандагон

Оид ба меъёрҳои андозии
аксиз барои молҳои зераксизӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2025, №335 «Дар бораи меъёрҳои андози аксиз барои молҳои зераксизӣ» (минбаъд –Қарор), тавзеҳоти зеринро манзур менамояд.

Пеш аз ҳама маврид ба қайд аст, ки Қарор меъёрҳои андози аксиз барои молҳои зераксизиро муайян намуда, иборат аз як замима буда, тибқи банди 3-и он қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2018, №302 «Дар бораи меъёрҳои андози аксиз барои молҳои зераксизии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда» аз эътибор соқит дониста шудааст.

Тибқи замимаи Қарор аксари меъёрҳои аксиз, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, №138 “Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2018, №302” тағйир ёфта буданд, бе тағийрот боқӣ мондаанд.

Ҳамзамон, мутобиқ ба замимаи Қарор меъёри аксиз барои нӯшокиҳои нерӯдиҳанда ба андозаи 0,06 евро барои 1 литр муайян шуда, дар банди 8 замима, ки меъёри аксиз барои спирти этилӣ муайян шудааст, истиноди “Ғайр аз спирти этилии денатурастсияшудаи дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машрубот ва доруворӣ фурӯхташаванда” пешбинӣ карда нашудааст. Бинобар ин, минбаъд ҳам спирти этилии денатуратсияшудаи ватанӣ ва хориҷӣ бо андози аксизӣ бо меъёри 3,0 евро барои 1 литр андозбандӣ карда мешавад.

Дар қисми эзоҳи замимаи Қарор муқаррар шудааст, ки меъёри андози аксизӣ барои сигаретҳо, дорои тамоку (бо филтр ва бе филтр рамзи молии НМ ФИХ 240220) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, аз ҷумла дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, ки ба қисми дигари ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд, ба андозаи 15 евро барои 1000 дона то 1 январи соли 2028 андозбандӣ карда мешаванд.

Инчунин бо мақсади ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ меъёрҳои муқарраршудаи андози аксиз нисбат ба маснуоти барои интиқол додан ё

борпечонии молҳо, аз пластмасса; пӯк, сарпӯш, каллапӯш ва дигар воситаҳои маҳкамкунӣ, аз пластмасса рамзи молии НМ ФИХ 3923 ва қолинҳо ва намудҳои дигари рӯйпӯшҳои бофандагии рӯйифаршӣ рамзи молии НМ ФИХ 5701-570500 барои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва воридоти молҳо аз давлатҳои аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо татбиқ намегардад.

Бо назардошти тавзеҳоти дар боло қайдгардида раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки субъектҳои хоҷагидории тобеи худро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, риояи талаботи онро аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ таъмин намоянд.

Замима: дар ҳаҷми ____в.

Раис Н.Давлатзода